“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”, доктори илмҳои таърих, профессор
Усмонзода Аюб Ислом

«___» __________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”

Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна таҳти унвони “Истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон”барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) дар МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ба анҷом расидааст.

Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна соли 1995 факултети филологияи тоҷики ИДПЛ (ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров)-ро бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Худи ҳамон сол ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 ҳамчун омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик ба кор қабул гардидааст. Соли 2000 ба вазифаи муовини раиси ҷамоати Ҳайдар Усмонов таъин гардида, то августи соли 2002 дар ҳамин вазифа кор кардааст. Аз соли 2002 то 2007 ҷонишини директор оид ба таълими МТМУ №12, солҳои 2007- 2009 сармутахассиси бахши танзими анъана ва ҷашну маросимҳои МИҲД-и ноҳияи Б.Ғафуров, солҳои 2009-2015 ҷонишини директор оид ба таълими Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқати шаҳри Бустон, солҳои 2015-2017 вазифаи директори МТМУ №24-и ноҳияи Б.

Ғафуров ва солҳои 2017-2019 директори гимназияи 2-и ҳамин ноҳияро ба дӯш дошт. Аз соли 2019 то инҷониб муаллими кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷик мебошад.

Роҳбари илмӣ – С. Шербоев узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи "Истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" хулосаҳои зерин бароварда шуд:

**Ҳадафи таҳқиқот** - Таҳқиқи асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар МТМУ, аз ҷумла, бозёфти роҳу усулҳои ташаккули нутқи мураттаби муҳассилин –хонандагони синфи 8-9 зимни таълими синтаксис дар асоси осори классикон.

Барои расидан ба ҳадаф масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор гирифт:

- мушаххас намудани мазмун ва мундариҷаи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ (дар синфҳои 8-9) аз нигоҳи хусусиятҳои лексикӣ, грамматикӣ ва сохторӣ.

- вазъи таълим ва омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ дар синфҳои 8-9 дар муассисаҳои таълимӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ, бознигарии стандарт ва барномаи таълимӣ.

-муайян намудани таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ:

-дарки моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим, нофаҳмиҳо дар мавриди татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим.

-коркарди асосҳои илмии методикаи таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика.

-коркарди системаи машқҳо аз фанни забони тоҷикӣ барои таълими синтаксис дар синфҳои 8-9 дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ (иртиботӣ) ва нутқи мураттаб.

-тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ташаккули салоҳиятмандӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар заминаи осори классикон.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои бунёдӣ-назариявӣ ва эмперикӣ ба кор рафтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар робита бо илмҳои лингвистика, педагогика, психология ва дидактика ба амал оварда шуд. Аз ҷумла, таълими забони тоҷикӣ дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқи ҳамаҷонибаи худро ёфта, ба моҳияти аслии муносибати босалоҳият ба таълим равшанӣ андохта шуд ва мушкилот дар самти татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим ошкор гардид. Ҳамчунини системаи машқҳо ва матнҳои классикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар робита ба ташаккули малакаҳои коммуникативӣ-иртиботӣ ва нутқи мураттаб пешниҳод гардид.

Дар рисола матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ тафсири комил ёфта, дар партави муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ таҳқиқ гардид. Бори аввал таҳқиқот бо мақсади аз ҷиҳати илмиву методӣ ба роҳ мондани таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаву мураккаби забони тоҷикӣ дар синфҳои 8 ва 9 дар доираи осори ибратомӯзи классикон пешниҳод гардидааст.

Бори аввал натиҷаҳои коркарди мавзуъҳои дар асоси маводи осори классикон баррасишуда дар раванди озмоиши таълимдиҳанда санҷида ва ҷамъбасту хулосабарорӣ карда шуда, ба тасдиқи фарзияи пешниҳодкардаи мо асос гузоштааст.

Дар баробари истифода аз методҳои шифоҳии таълим, раванди озмоиши таълимӣ муайян намуд, ки зуд-зуд истифода намудан аз методҳои таҳлил ва машқ, хусусан, водор сохтани хонандагон ба иҷрои машқҳои гуногун: тартиб додани ҷумҳои сода, сохтани ҷумлаҳои мураккаб шавқу завқ ва фаъолияти онҳоро дар ҳар дарс тақвият мебахшанд, бахусус, агар онҳо мустақилона аз осори классикон мисолҳои мувофиқро доир ба хели ҷумлаҳои забони тоҷикӣ дарёфт карда тавонанд.

Истифодаи таблитса ва схемаҳои гуногун, ки дар рафти таъсиси озмунҳо ва, умуман, доир ба ин ё он мавзуи ҷумлаҳои содаву мураккаб дар доираи маводи осори классикон тартиб дода шудаанд, метавонанд, барои омӯзгорон бобати чандин дарсҳои ба таълими мавзуъҳои синтаксисӣ ифодашаванда ҳамчун маводи хуби дидактикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Масъалаи ташаккул додани нутқи мураттаби хонандагон танҳо дар асоси осори классикон зимни таълими синтаксиси забони тоҷикӣ низ бори аввал дар доираи озмоиши таълимӣ роҳандозӣ гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқотро,** пеш аз ҳама, рӯ овардан ба ақидаҳои пешқадами забоншиносони маъруфи ватаниву бурунмарзӣ, ақидаҳои педагогҳо ва методистони шинохтаи тоҷику рус, қарору фармонҳои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва, албатта, пешниҳоду дархостҳои тибқи Паёмҳои ҳарсолаи худ баррасинамудаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият бахшидаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**: Маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд.

Инчунин, дар диссертатсия намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9 пешниҳод шудааст, ки баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо бобати дақиқ фаҳмидани мавзуъҳои таркибии, чи синтаксиси ҷумлаҳои сода ва чи синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб, ба омӯзгорон, ҳамчунин, фаҳмиш ва идрокашон ба хонандагон ба осонӣ даст хоҳад дод.

Ҳамчунин, боварӣ ҳаст, ки истифодаи системаи машқу супоришҳое, ки барои санҷиши дониши хонандагон дар мавриди таъсиси озмоиши таълимӣ дар таҷриба санҷида шудаанд, дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ҳангоми таълими фанни забони адабии ҳозираи тоҷик (қисмати синтаксис) ва дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик метавонад мавриди истифода қарор гирад. Аз натиҷаҳои дар ин бобат бадастовардашуда дар семинару мизҳои мудаввар ва конференсияҳо баррасӣ намудани маърузаҳо низ барои шунавандагон басо шавқовар хоҳад буд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба табъ расидаанд, мунъакис гаштааст. Дар заминаи мавзуъ дар силсилаи конференсияҳои донишгоҳӣ ва берунӣ (солҳои 2013-2024) маърӯза ва гузоришҳои илмӣ баён шудааст.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Раҳимова М. Мавқеи панду андарзи классикон дар таълими синтаксис. [Матн] /М. Раҳимова // Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров, 2015, №4(45). - С. 239-242.

[2-М]. Раҳимова М. Таълими воҳидҳои туфайлӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. [Текст] /М. Раҳимова // Номаи донишгоҳ. ДОТ ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2016, №2(). -259-262 .

[3-М]. Раҳимова М. Перомуни корбурди афкори педагогии Ҷалолуддини Румӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ. [Матн] / Раҳимова М.// Номаи донишгоҳ. №3 (72) 2022. саҳ. 205

[4-М]. Раҳимова М. Вижагиҳои интихоби матнҳо аз осори классикон дар таълими забони тоҷикӣ. [Матн] / М. Раҳимова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров. – Хуҷанд, 2023, №2 (75), саҳ. 169-173

[5-М]. Раҳимова Д. Муаррифии чеҳраҳои занони суханвар дар ҷараёни таълим. // Паёми донишгоҳи Хоруғ [Матн] / М. Раҳимова // Паёми донишгоҳи Хоруғ – Хоруғ, 2023 №3 (27), ISSN 2664-5696 – С. 3-9.

[6-М]. Шербоев С. Раҳимова М. Баррасии масоили мубрами инкишофи нутқи хаттиву даҳонии муҳассилин дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / С. Шербоев, М. Раҳимова [Матн] / // Номаи донишгоҳ: Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2023, № 4 (77). – С. 133-138.

**II. Дар маҷмӯа ва маҷаллаҳои дигар:**

[7-М]. Шербоев С. Раҳимова М. Истифодаи ашъори пандомези Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҷараёни таълими ҷумлаҳои мураккаб дар синфи IX [Матн] / Шербоев С. Раҳимова М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба бузургдошти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои таълим ва тарбия аз дидгоҳи Ҷомӣ». - Душанбе, 2014 – 80 с.

[8-М]. Раҳимова М. Истифодаи осори классикон дар раванди таҳлили ҷумла ва хелҳои он [Матн] / Раҳимова М. // Ховаршинос (маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба шастсолагии забоншинос Нуруллохон Ғиёсов).– Хуҷанд: Ношир, 2015.– 716 с. саҳ. 316-325

[9-М]. Раҳимова М. Андешаҳо доир ба истифодаи осори классикон дар раванди таълим [Матн] / Раҳимова М. // Оинадори ҳусни сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии профессор А. Абдуқодиров.- Хуҷанд: «Вектор Канд», 2015, с. 249-256.

[10-М]. Раҳимова М. Осори классикони тоҷик – омили тарбиявии дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М. // Уфуқи андеша: Маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Ношир, 2020.– с. 95-102

[11-М]. Раҳимова М. Роҷеъ ба таҳаввули барномаи нави таълими забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М. // Уфуқи андеша: Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. Хуҷанд: -Ношир, 2021, 123 с.

[12-М]. Раҳимова М. Каримова Д.Усули муаммовӣ ва корбасти он дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М., Каримова Д. // Уфуқи андеша: Маҷмӯаи мақолаҳои илмии олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон. – Ношир, 2021.– с.133-137

[13-М]. Раҳимова М. Ҷойгоҳи осори классикон дар таъмини ҷанбаи тарбиявии дарсҳои забони тоҷикӣ. [Матн] / Раҳимова М. // Конфронси байналмилалӣ. Challenges in science of nowadays. 16-18.07.2021, Washington.

[14-М]. Раҳимова М. Аҳамияти дидактикии осори Камол дар омӯзиши забони тоҷикӣ . [Матн] / Раҳимова М. // Армуғони «Ганҷи сухан»-2022, ҷилди 7. саҳ 245-255. 556 саҳ.

[15-М]. Раҳимова М. Маърифати шеър дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М. // Маводи Анҷумани илмӣ-амалии байнал-миллалии "Хонишҳои IV – уми Артуч" бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ҳамчунин барномаи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, барои солҳои 2018-2028", "Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоигуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир" 2022, №2, ҷилди 1, 1053 с.: с.661-666

[16-М]. Раҳимова М. Аҳамияти корбасти зарбулмасалу мақол дар дарсҳои забони тоҷикӣ. [Матн] / Раҳимова М. // Масъалаҳои таълиму

тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил: Маҷмуаи мақолаҳо. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023.- 371 с.

[17-М]. Раҳимова М., Пӯлодова Ш. Арзишҳои фарҳанги миллӣ дар осори адабӣ (ҳаммуаллиф). [Матн] / Раҳимова М., Пӯлодова Ш. // Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон (маводи конференсияи умумиҷумҳуриявӣ бахшида ба 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ ва бахшида ба Рӯзи илми тоҷик). – Хуҷанд: Ношир, 2023.- 1196 с.

[18-М]. Раҳимова М. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагон зимни истифода аз осори классикон. [Матн] / Раҳимова М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналхалқӣ “Лингвистическое наследие и развитие языкознание”. Фарғона,15 май 2023.

[19-М]. Раҳимова М. Истифодаи намунаҳо аз осори Саъдии Шерозӣ зимни таълими ҷумлаҳои чидааъзо [Матн] / Раҳимова М.// Масъалаҳои методикаи таълим. №4, 2024. 69 с.

[20-М]. Раҳимова М. Ташкили самараноки таълими инкишофи нутқ. [Матн] / Раҳимова М.//Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ тахти унвони “Забон – намояндаи хотираи гузаштаи таърихӣ ва ҳозира” (20.02.2024) Душанбе, 2024.- 497 с.

[21-М]. Раҳимова М. Маърифати шеър дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] / Раҳимова М. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Муносибати босалоҳият ба таълими забонҳо дар муҳити бисёрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ» бахшида ба 80-солагии зодрӯзи узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шербоев Саидбой

[22-М]. Раҳимова М. Истифодаи порчаҳои манзум дар таълими синтаксис [Матн] / Раҳимова М. // Уфуқи андеша (Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ дар мавзӯи “Масоили меҳварии таълими фанҳои филологӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ” ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии дотсент Марҳамат Ҳабибуллоева). Хуҷанд: «Кова», 2024. – 515 с.

[23-М]. Раҳимова М. Инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 зимни омӯзиши синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб [Матн] / Раҳимова М. // Масъалаҳои мубрами филологияи тоҷику ӯзбек. Маҷмӯаи мақолоти илмӣ. Хуҷанд: Нури маърифат, 2024.–830с. –С. 756-764

[24-М]. Раҳимова М. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ тавассути матнҳои таълимӣ [Матн] / Раҳимова М.//Маводи конференсияи байналмилалӣ: "Муаммоҳои илму фан аз нигоҳи муҳаққиқон (дар ҳамкорӣ бо Маҷаллаи байналмилалии "Interpretation and researches", дар Google scholar индексасатсия шудааст) Фарғона, 25.05. 2024

Рисолаи номзадии Раҳимова М.А. "Истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" таҳқиқоти комил ва анҷомёфта буда, аҳамияти назарраси илмӣ-методӣ дорад. Унвонҷӯ кори диссертатсионии дорои арзишҳои муҳими пажӯҳиширо ба забони хуби илмию назариявӣ барои муҳокима ва дифоъ пешниҳод кардааст. Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна ба талаботи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ(таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пурра мувофиқ мебошад.

Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" чунин меҳисобад, ки диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна таҳти унвони "Истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба дифоъ пешниҳод мегардад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" муҳокима шуда, чунин қарор қабул гардид:

1. Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзӯи "Истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзӯи "Истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" кори анҷомёфта ҳисобида мешавад.

3. Диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна "Истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои VIII-IX ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) барои дифоъ тавсия мегардад.

Дар маҷлиси кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик аъзоён дар ҳайати 16 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, "зид" – нест, «бетараф» – нест.

Қарор якдилона қабул гардид Қарори №11 аз 25 июни 2024

Тақриз аз ҷониби мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии

Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", номзади илмҳои филологӣ, дотсент Тиллохоҷаева М.Н. омода шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи акад. Бобоҷон Ғафуров",
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент **Тиллохоҷаева М.Н.**

**Котиби ҷаласа**
номзади илмҳои педагогӣ
сармуаллим **Бобоева И.А.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1

**Тел:** +(992) 92 927334519

**E-mail:** tillo.1972@mail.ru

Имзои Тиллохоҷаева М.Н. ва Бобоева И.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ
МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" **Ҳусейнова З.С.**